# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи Каримов Хушруз Шомирзоевич дар мавзуи «Инъикоси консепти «об/water» дар низоми луғавӣ ва таъбироти забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ», ки барои дарёфти дарҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба** он равона шудааст, ки дар ҳама даврону замон забон рукни асосии пешрафти фарҳанг ва тамаддун буда, тавассути он тамоми дастоварвду пешрафт бо баёну акида ва муколама асосонок карда шуда, бахри ҷомеа пешкаш карда мешавад. Забон дар баробари дигар унсурҳои асосии фарҳанг вобаста ба зарурат тағйир ёфта, ҳамчун муаррификунандаи асосии халқияту давлат хизмат мекунад.

Дар шароити кунунӣ бо шарофатии истиқлоли давлатӣ ва пойдории сулҳу субот дар кишвар сиёсати давлатӣ нисбат ба забони давлатӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ шакли хоссаеро ба худ гирифта, билохира забони давлатӣ дар бробари дигар масъалаҳо ба забони илм табдил дода шуд.

Мавриди зикр аст, ки дар солҳои охир дар самти омӯзиши забони давлатӣ ва муқосаи он бо забонҳои хориҷӣ теъдоди зиёди таҳқиқоти диссертатсионӣ таълиф шуда, ин самт дар ҳоли густариш қарор дорад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Каримов Хушруз Шомирзоевич бо унвони «Инъикоси консепти «об/water» дар низоми луғавӣ ва таъбироти забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ» низ ба яке аз масъалаҳои актуалии забоншиносии муосир бахшида шуда, таҳқиқи он саривақтӣ ва муҳим мебошад.

Чи тавре ки ба ҳамагон маълум аст Ҷумҳурии Тоҷикистон таи се даҳсолаи охир ташаббускори асосӣ марбут ба масоили ҳифзи об ба шумор меравад ва дар ин росто омӯзиши консепти «об/water» дар низоми луғавӣ ва таъбироти забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ муфид буда, то андозае дар татбиқи чунин ибтикороти сатҳои ҷаҳонӣ иртибот дорад.

Каримов Хушруз Шомирзоевич соли 2016 факултети забонҳои романӣ-германии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода)-ро аз рӯйи ихтисоси забони англисӣ (омӯзгор) дараҷаи бакалавр хатм кардааст. Ҳамчунин, соли 2018 Каримов Хушруз Шомирзоевич зинаи магистратураи ДДЗТ ба номи С.Улуғзодаро бо ихтисоси забони англисӣ (омӯзгор) хатм намуда, баъди он ҷиҳати идомаи таҳсил ба зинаи докторантура аз рӯйи ихтисос (PhD) дохил шуда, соли 2021 аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) онро хатм намудааст.

Ҳамзамон, номбурда айни замон ба ҳайси ассистенти кафедраи забони англисӣ барои ихтисосҳои ҳамгирои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон кору фаъолият намуда истодааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Каримов Хушруз Шомирзоевич аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, 3 боб, 14 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт, интишороти муаллиф вобаста ба мавзуъ иборат аст.

Дар муқаддима муаллиф оид ба муҳиммияти интихоби мавзуъ, дараҷаои омӯзиш, мақсаду вазифаҳо, объекту предмет, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, навгони ва дигар нуктаҳои асоси вобаста ба дастгоҳи илмии таҳқиқот маълумоти илман асоснокро овардааст.

Боби якуми дисертатсия ба **«Асосҳои назариявии омӯзиши консепт дар забоншиносии муосир»** бахшида шудааст. Дар он корбурди истилоҳи «консепт» дар забоншиносии маърифатӣ ва фарҳангӣ, ҷанбаҳои лигвокултурологии тасвири забонии ҷаҳон, таъриф ва усули тавсифи консептҳои фарҳангӣ дар асоси сарчашма ва адабиёти илмӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар воқеъ дар тасвири арзишии ҷаҳон маъноҳои муҳим барои фарҳанги додашуда, бартаридошта фарҳангӣ мавҷуданд, ки маҷмуаи онҳо навъи муайяни фарҳангро ташкил медиҳанд, ки дар забон дастгирӣ ва ҳифз карда мешаванд. Консепт ба мо имкон медиҳад, ки тасвири консептуалии ҷаҳонро омӯзем ва дар ин қисмат оид ба ин масъалаҳо муаллифи мурур намуда, ба хулосаҳои амиқи илмӣ расидааст.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳти унвони **«Роҳу воситаҳои лексикии ифодаи консепти «об/water» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ба таҳлили илмӣ-мантиқии ин масоил бахшида шудааст. Нуктаҳои омӯзишии ин қисмат роҳҳои инъикоси консепти «об/water» дар асоси маводи луғатнигорӣ ва дигар сарчашмаҳои забонӣ, консепти «об/water» дар таркиби истилоҳоти илмӣ, пайвастагиҳои синтагматикӣ ва парадигматикии воситаҳои асосии объективатсияи консепти «об/water» ва хусусиятҳои образии консепти «об/water» дар матнҳои бадеӣ мебошанд ва муаллиф бо такя ба сарчашмаҳои таҳқиқот ин масъалаҳоро аз нигоҳи илмӣ асоснок намудааст.

Боби сеюми дисертатсия таҳти унвони **«Таҳлили муқоисавии ифодаи консепти «об/water» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар таркиби таъбирҳо»** ба омӯзиши муқоисавии роҳҳои ифодаи консепти «об/water» дар забонҳои муоисашаванда бахшида шудааст. Муаллиф лар ин қисмат масоили омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ, воҳидҳои фразеологӣ дар заминаи фарҳанг, доираи маъноӣ ва сохтории консепти «об/water» дар таркиби таъбирҳо ва хусусиятҳои арзишии консепти «об» бо истифода аз қонуниятҳои методологии таҳқиқ асоснок намудааст.

Хулосаи бобу зербобҳо ва хулосаи умумии диссертатсия ҷамъи ақидаю назари диссертантро нишон медиҳад. Дар ин қисмати кор муаллиф вобаста ба ҷамъбасти таҳқиқот ва якчанд пешниҳодоти судмандро ҷиҳати рушду густариши забоншиносии муосири тоҷик, махсусан, бахши забоншиносии муқоисавӣ баён намудааст.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Ҳамчунин, ёдовар бояд шуд, ки диссертант дар равани таҳқиқот оид ба мавзуъ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда

рӯйи нашр овардааст, ки заҳмати мондагор аст. Инчунин, диссертант бори аввал дар забоншиносии ватанӣ инъикоси консепти «об/water» ро дар низоми луғавӣ ва таъбироти забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ мавриди омӯзиши ҷудогона қарор додааст, ки яке аз навгонии асосии муаллиф дар ин самт ба шумор меравад.

Бояд тазаккур дод, ки мазмун ва мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба шиносномаи ихтисоси илмӣ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ мутобиқат менамояд.

Автореферат ва мақолаҳои нашршудаи муаллиф музмуну мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсиониро пурра инъикос менамоянд. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дорои арзиши хуби илмӣ буда, фарогири масъалаҳои муҳим дар рушди забоншиносии ватанӣ мебошад.

Хулоса, дисертатсияи Каримов Хушруз Шомирзоевич дар мавзуи **«Инъикоси консепти «об/water» дар низоми луғавӣ ва таъбироти забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ»** ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забоншиносии
муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи СотимУлуғзода Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич

« 10 » апрели соли 2025

Суроға: 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Н. Ганҷавӣ, 464/2, хонаи 48
Телефон: (+992) 927210671; E-mail: fayzbakhsh@rambler.ru

Имзои Турсунов Фаёзҷон
Мелибоевичро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода Юсупова Б. Ғ.
« 11 » апрели соли 2025

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Муҳаммадиев17/6,
Тел.: (+992 37) 232 50 00; Факс: 232 50 03;
Сомона: www.dbz.tj; E-mail: rectorat.dbzkht.tj@mail.ru